# Тақризи

**Роҳбари илмӣ ба кори ддиссертатсионии унвонҷӯи МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» Сангов Бобохон Чиллаевич «Ҷанбаҳои муосири сирояти хламидиявии урогениталӣ дар мардони муҳоҷири меҳнатӣ (гурӯҳи хатари баланд), ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.10 – бемориҳои пӯсту зуҳравӣ пешниҳод гардидааст.**

Сангова Б.Ч., соли таваллудаш 1972, соли 1993 Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлобро хатм намудааст. Соли 1993 ба факултети тиббии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил шуда, соли 1999 онро бо ихтисоси «Кори табобатӣ» хатм намудааст. Аз соли 1999 то соли 2001 ординатураи клиникиро дар кафедраи урологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» гузаштааст. Аз соли 2001 то соли 2011 ба ҳайси ассистенти кафедраи урологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» фаъолият намудааст. Аз соли 2011 то имрӯз табиб-урологи ҶДММ «Мадади акбар» шуда кор мекунад. Аз соли 2015 унвонҷӯи МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» мебошад. Дар ин давра Сангов Б.Ч. методологияи кор бо беморон, техникаи гузаронидани манипулятсияҳо, хусусиятҳои хоси таҳқиқотҳои иммунологӣ, рентгенологӣ, УЗИ ва дигар методҳои таҷҳизотии таҳқиқотиро муваффақона аз худ намудааст. Бобохон Чилаевич худро ҳамчун табиби масъулиятшинос, ҷӯянда ва соҳибтаҷриба нишон додааст. Дар давраи кор аз болои диссертатсияи номзадӣ сифатҳои таҳқиқотчии ҷавону ояндадорро дар худ зоҳир намуда, ба проблемаҳои бемориҳои илтиҳобии системаи пешоброҳаи этиологияи хламидиявӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд.

Сангов Б.Ч. соли 2020 курси такмили ихтисосро аз рӯи сикли «Венерология» дар заминаи кафедраи дерматовенерологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» гузаштааст.

Аз соли 2015 то соли 2019 Сангов Б.Ч., унвонҷӯи МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» маҳсуб ёфта, дар мавзӯи «Ҷанбаҳои муосири сирояти хламидиявии урогениталӣ дар мардони муҳоҷири меҳнатӣ (гурӯҳи хатари баланд) диссертатсияи номзадӣ иҷро кард.

Дар ин давра дар доираи кори диссертатсионии худ Бобохон Чилаевич ҳаҷми калони корҳои клиникӣ ва илмиро ба иҷро расонд ва ҳамзамон ба таври мустақилона муоинаи беморони хламидиози урогениталиро дар динамикаи беморӣ гузаронида, ҳуҷҷатгузории аввалияи илмиро мураттаб сохта, маълумотҳоро ба пойгоҳи компютерӣ ворид сохтаву таҳлили оморӣ гузаронид.

Дар маҷмуъ дар давраи кор Сангов Б.Ч. ҳамчун табиби баландихтисоси амалие, ки малакаҳои бойи ҳозиразамони табибӣ ва таҷрибаи хоси касбиро дар худ фаро гирифтааст, ташаккул ёфт. Номбурда дар байни мизоҷон ва ҳамкорон сазовори эҳтироми баланд мебошад. Дар муносибат ба мизоҷон хоксорӣ, дилсӯзӣ ва ҷидият барин хислатҳои ӯ махсусан дар ҳолатҳои вазнини клиникӣ қобили қайд аст.

Тамоман ба назар нарасидани чунин корҳои ҳозиразамони диссертатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба эътибор гирифта, ба Бобохон Чилаевич муяссар гаштааст, ки тасаввуротҳои асосиро оид ба омилҳои муайяни минтақавии пайдоиши гурӯҳҳои хатари баланд, хусусиятҳои клиникӣ-иммунологии ҷараёни музмини ХУГ-и музмин дар мардон ба шакл даровагарда, арзёбии самаранокии доруи иммуностимуликунандаи тимогарро анҷом диҳад.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки Сангов Б.Ч. довталаби сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб мебошад.

**Роҳбари илмӣ, н.и.т., дотсент** **Саидзода Б.И.**

Донишгоҳи Давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино
ШӮЪБАИ КАДРҲО

Имзои Саидзода Б.И.-ро
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ
Сардори шӯъбаи кадрҳо
"31" 03 2020 с